Сад ғазали

Абдураҳмони Ҷомӣ

1

Баски дарди сар зи фарёду фиғони худ кашам,
Аз даҳон чун нола мехоҳам забони худ кашам.
Ҷон баромад, лекин аз дил барнамеояд ҳанӯз,
К-аз дилу ҷон новаки абрӯкамони худ кашам.
Меҳмон шуд моҳи ман, дардо, чи ҷуз ҷон тӯҳфае
Нест дар дастам, ки пеши меҳмони худ кашам.
То даромад аз дарам он сарв, ҳар дам дидаро
Кӯҳли биноӣ зи хоки остони худ кашам.
Мекашам аз сина бепайкон хадангашро, чу нест
Қуввати онам, ки пайкон з-устухони худ кашам.
Сар, ки бораш мекашам умре ба дӯш, аз баҳри чист,
Гар на рӯзе дар раҳи сарви равони худ кашам?
Дафтари Ҷомист ин аз гуфтаҳои ишқ пур,
Мебарам, то пеши шӯхи нуктадони худ кашам. Ҷ.2. с.191

2

Шабҳо, ки доғи фурқати он моҳ мекашам,
То рӯз нола мекунаму оҳ мекашам.
З-он маҳ намекунам гила, к-ин меҳнату бало
Аз бахти тираву дили гумроҳ мекашам.
Шабҳои хешро, ки зи зулфаш сиёҳ шуд,
Аз рӯяш интизори саҳаргоҳ мекашам.
То тоҷ шуд ба фарқи сарам гарди доманаш,
Доман зи тахти манзалати шоҳ мекашам.
Ҷон мебарам ба тӯҳфа гадоёни дӯстро,
Нақди ҳақир дар назари шоҳ мекашам.
Аз ошиқӣ насиби ман ин шуд, ки рӯзу шаб
Ҷаври рақибу таънаи бадхоҳ мекашам.
Ҷомӣ, чу коҳ шуд танам аз заъфу ман ҳанӯз
Кӯҳи ғамаш ба қуввати ин коҳ мекашам. Ҷ.2.с.192

3

Он кони ҳусн буду набуд аз ҷаҳон нишон,
Ва-л-она ан арафта ало мо алайҳи кон.
Аъдоди кавну касрати сурат намоиш аст,
Ва-л-куллу воҳидин ятаҷаллӣ би кули шон.
Нурест маҳз карда ба авсофи худ зуҳур,
Номи танаввуоти зуҳураш бувад ҷаҳон.
Ҳарчанд дар ниҳону аён нест ғайри ӯ,
Фӣ ҳадди зотиҳи на ниҳон асту не аён.
Фоиз бувад вуҷуд бар аъёни инсу ҷин,
Сорӣ бувад зи лутф дар атрофи ҷисму ҷон.
Доно ба ҳар басирату бино ба ҳар басар,
Гӯё ба ҳар забону, тавоно ба ҳар тавон.
Ҷомӣ кашида дор забонро ки сирри ишқ

Рамзест кас магӯю ҳаддест касс мадон. Ҷ.2.с.235

4

Биё, эй соқии маҳваш, бидеҳ ҷоми маи рахшон
Ба рӯи Шоҳ Абдулқосим Муиззуддавла Бобурхон.
Шаҳаншоҳи фалакмаснад, ки зад аз давлати сармд
Қадам бар тораки Фарқад, алам ба торами Кайвон.
Рухаш оинаи дилҳо, лабаш ҳаллоли мушкилҳо,
Кафаш дарёву соҳилҳо зи мавҷаш қулзуми эҳсон.
Зи боғи ҷоҳи ӯ ин зангорагун гулшан,
Зи қасри қадри ӯ хиштест ин фирӯзаранг айвон.
Чу дорад хулқи дарвешона бо оини султонӣ,
Гадои ҳазрати ӯянд, агар дарвеш, агар султон.
Таманнои камоли мадҳаташ кардам, хирад гуфто:
Манеҳ пои амал з-ин беш берун аз ҳади имкон.
Зи назми дилкаши Ҷомӣ суруди базми ӯ бодо
Навои ишрати боқӣ, навиди айши ҷовидон. Ҷ.2с.236

5

Ту дар парда ниҳон, эй қаъбаи ҷон,
Зи шавқат оламе рӯ дар биёбон.
Ту ганҷию дар маъмура ҳар дам
Ба ҷустуҷӯи ту сад хонавайрон.
На ғунчаст ин, ки аз шарми ҷамолат
Кашида рӯи худ гул дар гиребон.
Расидӣ бар сарам дар по кашон зулф,
Ба роҳат умри ман омад ба поён.
Зи гулзори муродам бишкуфат гул,
Чу гардад ғунчаи танги ту хандон.
Шудӣ дармони ҳар дарде, ки гӯянд
Чу ман гуфтан намеёрам, чӣ дармон.
Кашиди боз даст аз қатли Ҷомӣ,
Аз ин некӣ чаро гашти пушаймон? Ҷ.2.с.237.

6

Биноз, эй чашми шӯхат фитнаи хубони Туркистон,
На чашм аст он, ки динғораткуни тоҷику турк аст он.
Ба лутфи рӯи гулгунат нарӯяд лола бар саҳро,
Ба шакли қадди дилҷӯяд нахезад сарв дар бӯстон.
Зи майгун лаъли ту овар мутриб дар миён нақле,
Кунун умрест, к-он нақл аст нуқли маҷлиси мастон.
Чӣ ширин парвариш додаст бо он лаб туро доя,
Ҳамоно шаҳди ноб ояд ба ҷои шир аз пистон.
Ба нокомӣ нахоҳам дур аз он лаб зиндагӣ дигар,
Худоро, коми ман з-он лаб бидеҳ, ё ҷони ман бистон!
Занӣ теғу шафеи ин гунаҳ созӣ ду соидро,
Накарди зери по кас хуни ошиқро бад-ин дастон.

Бад ин кишвар ниёз овард бо дасти тиҳӣ Ҷомӣ,
Маяфшон остини бениёзӣ бар тиҳидастон. Ҷ.2.с.238.

7

Киям ман, -Бедиле, беэътиборе,
Ғарибе, бенасибе, хоксоре.
Чу барқ аз оҳи гарм оташфурӯзе,
Чу шамъ аз сӯзи дил шабзиндадоре.
Ба дил тухми ғами ишқи ту кардам,
Надорам ғайр аз ин кореву боре.
Парешон шуд зи ишқат рӯзгорам,
Бубахшо бар парешонрӯзгоре.
Зи зуфат кори ман ошуфтатар гашт,
Чӣ гирӣ бар дил аз ошуфтакоре.
Зи ман гар хурдае омад, макун айб,
Зи хурдон хурда набвад айбу оре.
Шафеъ овардаам пеши ту инак
Рухи зардеву чашми ашкборе.
Кам аз хоки раҳам, ҳайф аст, к-аз ман
Нишинад бар дили покат ғуборе.
Ба оҳи сард хуш мебош, Ҷомӣ,
К-аз ин дай бардамад рӯзе баҳоре.Ҷ.2.с.451

8

Маро бас бар сари майдони ушшоқ ин сарафрозӣ,
Ки рӯзе пеши чавгонат кунам чун гӯй сарбозӣ.
Чу саҳро бар сари майдонат андозанд муштоқон,
Ҳама тан сар шавам чун гӯй аз шавқи сарандозӣ.
Бувад гӯё сарамро бо хами чавгони ту ҳоле,
Ба як чавгон чӣ бошад, гар ба ҳоли гӯй пардозӣ.
Дар ин майдони фирӯза барояд меҳри ҳаррӯза,
Ба шакли гӯи зар бошад, ба чавгонеш бинвозӣ.
Фалак мегӯяд аллоҳума салам аз қафои ту,
Чу рахши тезгом андар қафои гӯй метозӣ.
Ба танҳои фикан, гӯи, сарамро дар хами чавгон,
Дар ин майдон нахоҳам дигареро бо ту ин бозӣ.
Мукаҳҳал гашт чашми Ҷомӣ аз хоки суми аспаш,
Чу чашми анҷум аз гарди сипоҳи шоҳ Абдулғозӣ
Сипеҳри макрамат Султон Ҳусайн он к-аз дили равшан
Кунад бо офтоби маъдалат чун субҳ дамсозӣ.
Бақояш бод чандон к-андар ин кохи пуровоза
Кунад бо сури маҳшар навбати мулкаш ҳамовозӣ. Ҷ.2.с.452.

9

Зиҳӣ аз хатти сабзат тоза расми фитнаангезӣ,
Зи теғи ғамзаат нав дамбадам ойини хунрезӣ.
Вазид аз кӯи ту боде, машоми ҷон муаттар шуд,

Зи зулфат мефишонӣ гард ё худ мушк мебезӣ?
Бувад пайванди ҷон омезиши ёрон, ту ин нукта
Чаро ҳаргиз наёмӯзиву бо ёрон наёмезӣ?
Шикори лоғарам, зорам бикуш, пеши сагон афган,
Набинам қадри он худро, ки аз фитрокам овезӣ.
Бувад маҷмӯаи ҳар фитна шакли қадди дилҷӯят,
Ҳазорон фитна бархезад, ту чун аз ҷой бархезӣ.
Гурезонам зи ҳар наздику дур, эй ҷон, барои ту,
Чӣ ҳол аст ин, ки чун бинӣ маро аз дур, бигрезӣ?
Зи ҳаҷ баргашта Ҷомӣ дар Хуросон рӯй кард, аммо
Раҳаш зад дар миёна ишваи хубони табрезӣ. Ҷ.2.с.453.

10

Аллаҳ-аллаҳ, чӣ шӯхдида касӣ,
Ки ба фарёди ҳеҷ кас нарасӣ.
Ман туро хоҳам аз ду оламу бас,
К-аз ду олам ҳамин маро ту басӣ.
Аз туам ҷуз ту орзуе нест,
Анта мавло ва анта мултамасӣ .
Чун най аз хештан тиҳӣ шудаам,
Бо ту дорам ҳавои ҳамнафасӣ.
Карда ишқи ту дар вилояти дил
Рӯзҳо шаҳнагиву шаб асасӣ.
Булбуло, нола кун аз фурқати гул,
Ки гирифтор монда дар қафасӣ.
Ҷомӣ, аз ишқи некӯвон бозой,
Умр бигзашт, чанд булҳавасӣ. Ҷ.2.с.454.

11

Ҳар дам ба дидаи дигаре хона мекунӣ,
Ҳамхонагӣ ба мардуми бегона мекунӣ.
Дилро нишон ба зовияи ҳаҷр медиҳӣ,
Девонаро мақом ба вайрона мекунӣ.
Дастам гирифта ғутта диҳӣ дар хум, эй сипеҳр,
Чун хок қолибам гили паймона мекунӣ.
Эй шамъ, базми ҳусни туро гарм мекунад
Дилсӯзие, ки бар сари паймона мекунӣ.
Мепарварӣ зи гиря, дило, мехри холи ӯ,
Аз файзи абр тарбияти дона мекунӣ.
Бикшо гиреҳ зи турраи мушкинаш, эй сабо,
То чанд ҷаъди сунбули тар шона мекунӣ.
Ҷомӣ, дигар ба мадраса рафтан вазифа нест,
Вақт аст, агар азимати майхона мекунӣ. Ҷ.2.с.511.

12

Ҷоно, чӣ шуд, ки пурсиши ёрон намекунӣ,
Дармони дарди синафигорон намекунӣ?

Доман зи қатраҳои сиришкам намекашӣ,
Ҳамчун гул эҳтироз зи борон намекунӣ.
Бар ман ҳазор теғи ҷафо рондиву хушам,
К-ин лутф бо яке зи ҳазорон намекунӣ.
Шерон ҳама шикори ғизолони шӯхи ту,
Ҷуз қасди сайди шер шикорон намекунӣ.
Эй гул, биханд хурраму хуш, гарчӣ раҳмате
Бар гиряҳои абри баҳорон намекунӣ.
Ҷоми май аст лаъли ту, лекин ба ҷуръае
З-он ҷом ёди бодагусорон намекунӣ.
Ҷомӣ, барой лоласифат хуш ба доғи дил,
Чун тарки ишқи лолагузорон намекунӣ. Ҷ.2.с.512.

13

То кай аз халқ асири ғами беҳуда шавӣ?
Аз ҳама рӯ ба худо ор, ки осуда шавӣ!
Рӯзу шаб дар назарат мавҷзанон баҳри қидам,
Ҳайф бошад, ки ба лавси ҳадас олуда шавӣ.
Миси қалбӣ, чӣ такосул кунӣ, иксир талаб,
З-он чӣ ҳосил, ки ба талбис зарандуда шавӣ?!
Хоб бигзор, ки дар анҷумани зиндадилон
Гар шавӣ дида в-ар аз дидаи нағнуда шавӣ.
Макун, эй хоҷа, дуруштӣ, ки дар ин тира мағок ,
То занӣ чашм ба ҳам, зери қадам суда шавӣ.
Саъй дар костани ҳастии худ кун, ки чу моҳ
Гар шавӣ коса, шак нест, ки афзуда шавӣ.
Ҷомӣ, аз фақр насиме ба машомат нарасад,
То хуш аз будаву ғамнок зи нобуда шавӣ. Ҷ.2.с.513.

14

Бозам зи дида, эй гули хандон, чӣ меравӣ,
Чокам чу гул фиканда ба доман, чӣ меравӣ?
Сарвию ҷои сарв ба ҷуз ҷӯйбор нест,
Аз ҷӯйбори дидаи гирён чӣ меравӣ?
Аз ашки сурх дидаи мо кони лаъл шуд,
Эй сангдил, ту сӯи Бадахшон чӣ меравӣ?
Шаҳре хароб мешавад, эй мушкбӯ ғизол,
Ту рӯ ниҳода сӯи биёбон, чӣ меравӣ?
Ҷомӣ фитода чун тани беҷон зи ҳаҷри ту,
Танро чунин гузошта, эй ҷон, чӣ меравӣ? Ҷ.2.с.514

15

Нозанино, зи ниёзи шабам огоҳ туӣ!
Воқифи оҳу дами сарди саҳаргоҳ туӣ!
Моҳро ин ҳама ойини шабафрӯзӣ чист,
Гар набинбуда рух аз оинаи моҳ туӣ?!
Буд дилхоҳи мусаввир, ки кашад нақши малак,

Нақш ангехта бар мӯҷиби дилхоҳ туӣ!
Баршикан анҷумани анҷуму маҳро, к-имрӯз
Офтоби фалаки манзалату ҷоҳ туӣ!
Бо ту дар мулки малоҳат насазад шоҳи дигар
Хуш бар он Рахш, ки ҳар ҷо ки равӣ, шоҳ туӣ!
Дар раҳи ишқ ба ҷуз меҳнату ғам нест, вале
Чӣ ғам аз меҳнату роҳ аст, ки ҳамроҳ туӣ!
Ҳоҷати қиблаи сурат набувад Ҷомиро,
Қиблаи ҳоҷаташ, алминнатулиллоҳ, туӣ! Ҷ.2.с.517.

16

Бо чунин қомату боло, ки туӣ,
Кист сарви чаман он ҷо, ки туӣ?!
Ба даме зинда кунӣ сад мурда,
Исӣ имрӯз ҳамоно, ки туӣ.
Чанд гӯӣ, ки бигӯ, ҷони ту кист,
Ба худо, эй бути раъно, ки туӣ.
Чун тавонем, ки ошиқ нашавем,
Бо чунин сурати зебо, ки туӣ?
Ҷомиё, шӯҳра шави зуд ба ишқ,
Инчунин волаву шайдо, ки туӣ. Ҷ.2.с.518.

17

Инчунин хубу нозанин, ки туӣ,
Набувад ҳеҷ кас чунин, ки туӣ.
Гар гулистони ҷаннатам бахшанд,
Наравам з-он гули замин, ки туӣ.
Сӯҳбати ҷону тан наёрад тоб,
Мӯниси ҳар дили ҳазин, ки туӣ.
Ҳар мурғи дил аз ту ҷон набарад,
Боз аз ин гуна дар камин, ки туӣ.
Турки яғмогаре, ки мегӯянд,
Шак надорам дар ин яқин, ки туӣ.
Орзӯи дигар намехоҳам,
Ҳамдами ҷони ман ҳамин, ки туӣ.
Ҷомӣ, охир ба доғи дил сӯзӣ,
Бо чунин оҳи оташин, ки туӣ. Ҷ.2.с.519.

18

Баски дар ҷони фигору чашми бедорам туӣ,
Ҳар кӣ пайдо мешавад аз дур, пиндорам туӣ.
Он кӣ ҷон мебозаду сар дарнамеорӣ, манам,
В-он кӣ хун мерезаду сар дарнамеорам, туӣ.
Гар талаф шуд ҷон, чӣ бок, ин бас, ки ҷонони манӣ,
В-ар зи каф шуд дил, чӣ ғам, ин бас, ки дилдорам туӣ.
Гарчӣ сад хорӣ расад ҳар дам зи дасти ғам маро,
Ман чӣ ғам дорам, азизи ман, ки ғамхорам туӣ.

Рӯзро дарюзаи нур аз шаби тори ман аст,
То ба он рӯи чу маҳ шамъи шаби торам туӣ.
Бо кӣ гӯям дарди худ, ё раб, дар ин шабҳои ғам ,
Огаҳ аз сабри каму андӯҳи бисёрам туӣ.
Гарчӣ настонӣ ба ҳеҷам бар сари бозори васл,
Худфурӯшӣ бин, ки мегӯям харидорам туӣ!
Гуфтаӣ ёри туам, Ҷомӣ, маҷӯ ёри дигар,
Ман басе беёр хоҳам буд, агар ёрам туӣ! Ҷ.2.с.520.

19

Дӣ гузаштем бар он дилбару гуфтем дуо:
Қола: Ман антум? Қулно: Фуқароу ғурабо.
Фуқароему аҷаб ки нахоҳем зи ту
Ҳеҷ ҳоҷат, ки туӣ дар ду ҷаҳон ҳоҷат мо.
Ғурабоему надорем ба ҷуз ту ватане,
Чанд бошем чунин аз ватани хеш ҷудо?
Ба фақирон назаре кун, ки ба таъйиди назар
Бар миси фақри фақирон туӣ иксири ғано.
Бар ғарибон гузаре кун, ки ба ташрифи қудум
Аз дили танги ғарибон ту барӣ бори ано
Гачӣ дар майкадаи ишқ ҳазорон роҳ аст,
Ҳаст наздикарин роҳ раҳи фарқу фано.
Ҷомӣ, ин роҳ ба ҷуз роҳи сабукборон нест,
Доман аз хеш бияфшону дар ин роҳ даро.Ҷ.6.с.47.

20

Гар наёбам бӯе аз васли ту дар ин гулзорҳо,
Ҳамчу ашки худ ба хун ғалтам миёни хорҳо .
Чун ниқобафканда дидат шоҳиди гул дар чаман,
Канд нохун-нохун аз рашки рухат рухсорҳо.
Пеши хуршедам чу деворест ҳоил ҳар рақиб.
Бод чун соя зи по афтода ин деворҳо!
Мастаму дарюза дорам ваҷҳи май, гӯ, мӯҳтасиб,
То бигардонад маро гирди ҳама бозорҳо.
Кори ман майхориву борам сабӯи майкашист,
Бори ман бошад дигар кор, озмудам борҳо.
Гарна бо зулфат расонад силсила пашминапӯш,
Тору пуди хирқааш бошад ҳама зуннорҳо.
Гар ба дасти рост Ҷомӣ субҳа дорад, ҷоми май
Бар кафаш неҳ, к-ӯ ба дасти чап кунад ин корҳо. Ҷ.6.с.48.

21

Рафиқон, хоки наҷд аст ин, нигаҳ доре маҳмилҳо,
Ки орад шавқи ёрон гиря бар осори манзилҳо.
Ба ҳар манзил бутони дилгусил будӣ, амедонам,
Аз ин фархунда манзилҳо чаро бастанд маҳмиҳо?!
Зи ашки ошиқон будст пургул роҳашон, инак

Нишони дасту пойи ноқаҳошон монда дар гилҳо.
Ба ҳар ҷое, ки бинмояд ишое аз кафи пое,
Фурӯ резед ашк аз дидаҳо, хуноба аз дилҳо!
Чарад гӯру гавазн, имрӯз ҳар ҷо соз кардандӣ
Миёни сабзаву гул оҳувони шӯх маҳфилҳо.
Хуш он, к-аз гиря будӣ гирди ман дарёву
бар ҳолам
Задандӣ қаҳаҳа он нозанин кабкон зи соҳилҳо.
Чаро шуд кӯфу каргас кабку тиҳуро халаф, ё раб,
Зи тасрифи қазо дорам басе з-ин гуна мушкилҳо.
Навис аз ман ба эшон номае аз сидқи дил, Ҷомӣ,
Ва замминҳо сафоа-л-вудди фахтимҳо ва арсилҳо. Ҷ.6.с.53.

22

Қавме ба ҳавои ҳаҷ дар қатъи биёбонҳо,
Ҷамъе зи нишоти май дар тарфи гулистонҳо.
В-ин тоифаи дигар бо доғи ғамат фориғ
Ҳам аз тараби инҳо, ҳам аз талаби онҳо.
То дил зи ту шуд баста в-аз ғайри ту бигсаста,
Хӯрдем басе хунҳо, кандем басе ҷонҳо.
То домани васлатро орем ба каф рӯзе,
Моему сари фикрат шабҳо ба гиребонҳо.
Бошад паи ҳар дарде андешаи дармоне,
Бурд аз дили мо дардад андешаи дармонҳо.
Чандон ба дилам тиратҷо кард, ки бар сина
Чун санг занам, овоз зи пайконҳо.
Дар роҳи ту ҳар паймон саддест ҷудо,
Паймонаи май бастан, бишкан ҳама паймонҳо Ҷомӣ,Ҷ.6.с. 54

23

Маҷлиси пири муғон асту пур аз бода сабӯҳо,
Таййабаллоҳу биҳо вақта киромин шарибуҳо .
Ҳар тараф бода ба даст дурдкашонанд нишаста,
Аҳсанунноси нуфусан ва қулубан ва вуҷуҳо .
Ишқ барҳрест аҷаб жарф, ки аз мавҷи паёпай
Карда ҷӯҳои шигарф аст равон аз ҳама сӯҳо.
Биҷаҳ аз ҷӯю дар ин баҳр фикан киштии худро,
Ки дар ин баҳр шавад муттаҳид охир ҳама ҷӯҳо.
Мо аҷаб ташнаҷигар, ратл гарон, бода фаровон,
З-он ба тангем, танг аст даҳонҳову гулӯҳо.
Ошиқон рӯй кай оранд ба хубони накӯрӯ,
Гар набинад аён рӯи туро дар ҳама рӯҳо?!
Мо гадоёни дари майкадаҳоем чу Ҷомӣ,
Борҳо карда ба дарюза пур аз бода кадуҳо.Ҷ.6.с.55

24

Бисоти сабза фиканданд кӯҳу саҳроро,

Зи лолаорази вай ҷом тоза шуд маро.
Куҷост сояи гулрух, ки ранги лола диҳад,
Ба базми гул зи маи лаъл ҷоми миноро!
Аз он мае, ки фурӯғаш агар расад ба Суҳайл,
Ақиқи ноб кунад субҳаи Сурайёро!
Ба тарафи боғ, неҳ имрӯз базми айш, ки ҳаст
Таронаҳои аҷаб булбулони шайдоро!
Маи мураввақу фасли баҳору савти ҳазор,
Куҷо ба тавба шавад майл табъи доноро?!
Димоғи ақл зи фикри замона савдоист,
Пиёлае ду-се дардеҳ илоҷи савдоро!
Ба бода вақти худ имрӯз сарф кун , Ҷомӣ,
Гузор бо карами дӯст кори фардоро! Ҷ.6.с.56

25

Он чӣ дар ишқи туам дам ба дам аст,
Ранҷ бар ранҷу алам бар алам аст.
Шод бод аз ту дили пурҳавасон,
Гар ман аз ғусса бимирам, чӣ ғам аст!
Нест бар ман ситам аз теғи ту захм,
Мезанӣ бар дигарон, он ситам аст.
Гар кунӣ майл ба динору дирам,
Онам аз давлати ишқат чӣ кам аст?!
Дилам аз доғи ғамат пурдинор,
Ҷайбам аз сими мижа пурдирам аст.
Дар ҳарими ту дили сахти бутон
Зери по беш зи реги ҳарам аст.
Сар напечад зи сагонат Ҷомӣ,
Хидмати аҳли вафо муғтанам аст. Ҷ.6.с.103

26

Диламро бо кас ороме намондаст,
Ба ҷуз нокомиям коме намондаст.
Ба роҳи ком пои ҳиммататамро
Маҷоли рафтани гоме намондаст.
Агар ман бесаранҷомам, аҷаб нест,
Ҷаҳонро ҳам саранҷоме намондаст!
Ба шохи одамият меваи унс,
Чӣ ҷои пухта, чун хоме намондаст!
Маҳи нав мекунад бар чарх ишорат,
К-аз ин хумхона ҷуз ҷоме намондаст!
Зи бода холӣ аст он ҷом, яъне
Ҳарифи бодаошоме намондаст!
Мабар дар силки ҳастӣ номи Ҷомӣ,
К-аз ин мискин ба ҷуз номе намондаст. Ҷ.6.с.104

27

Ё аз забони дӯст шунав достони дӯст,
Ё аз забони он, ки шунид аз забони дӯст.
Бошад каломи дӯст мубарро зи ҳар луғат,
Ҳаст ин луғоти мухталиф аз тарҷумони дӯст.
Берун бувад зи ҷумла нишонҳо, к-аз ӯ диҳанд,
Ин аст пеши дӯстшиносон нишони дӯст.
Беҳ з-остони дӯст сари мо надида ҷой,
То сар ба ҷо бувад, сари мо в-остони дӯст!
Дастони шавқи ӯ зада мурғони шавқи ишқ,
Ҳар ҷо шукуфта ғунчае аз бӯстони дӯст.
Аз мо гумони ҳусни вафо буд дӯстро,
Шукри худо, ки рост шуд охир гумони дӯст!
Ҷомӣ, маҷӯй кашфи ҳақиқат зи шайхи шаҳр,
Бегона нест маҳрами сирри ниҳони дӯст. Ҷ.6.с.157

28

Шунидаам, ки ба гул булбули саҳархон гуфт,
Ки шукри неъмати субҳи висол натвон гуфт.
Даруни ғунча чаро хуну ҷайби гул чок аст,
Агарна мурғи чаман достони ҳичрон гуфт?!
Самоъи лаҳни муғаннӣ хуш асту ин нукта
Зи шохи сарви саҳӣ қумрии хушилҳон гуфт.
Чу завқи бодаи ваҳдат наёфт ҷони ҳаким,
Аз он чӣ суд, ки бар нафйи ширк бурҳон гуфт?!
Дил, ки ёфт ба шабзиндагӣ зи ҷоми сабӯҳ,
Нишон зи Хизру сиёҳиву оби ҳайвон гуфт.
Замона нағмаи ушшоқу ашкрезишон
Чу дид, қиссаи Нӯҳу ҳадиси тӯфон гуфт.
Ғизои хеш кун аз тарки луқма, к-ин маънӣ
Бувад хулосаи ҳар ҳикмате, ки Луқмон гуфт.
Мабанд лаб зи насиҳат, ки мӯр баҳри худо
Ба ҳамсарон хабар аз мақдами Сулаймон гуфт.
Бувад шикояти Ҷомӣ зи фаҳми мустамеъон,
Хуш он ки нуктаи мармуз бо сухандон гуфт. Ҷ.6.с.158

29

Бар тарфи боғ аҷаб дилкаш аст сояи бед,
Ки ламъа-ламъа дурахшад аз он миён хуршед.
Занад чашмакат он ламъаҳо зи ҷунбиши бод,
Ки хез дидаи ибрат кушо ба лолаву хед.
Ба лола бин, ки чӣ сон доғ бар ҷигар дорад,
Ки нест соғари ишрат ба дасти ӯ ҷовид.
Ба хед бин, ки фиканда палоси мотами хеш,
Ки хоҳадаш ба хазон тай шудан бисоти умед.
Зи тоҷи наргису тахти гулам ба ёд омад
Заволи афсари Парвезу маснади Ҷамшед.

Навои мурғи ҳазондида чист мавсими гул,
Диҳад ба васл пас аз меҳнати фироқ навид.
Кунед ёд зи ҷовид фурқате, ки марост,
Худойро, чун навои навиди ӯ шунавед.
Хуш аст сурату шаънӣ ба вақфи якдигар,
Чу номаи ту сияҳ шуд, чӣ суд, ҷома сафед.
Сарири килки ту Ҷомӣ, агар ба чарх расад,
Зи рашк мизмари худ бар замин занад Ноҳид. Ҷ.6.с.191.

30

Куҷо шуд он, ки шаб маҳ ба хонаи ман буд?!
Ниҳода гӯшаи ризо бар фасонаи ман буд?!
Зи баски бар рухи ӯ мезадам таронаи шавқ
Самоъи маҷлисиён бар таронаи ман буд.
Кабӯтари ҳарами базми ишрататаш будам,
Дар он ҳарам маю нуқл обу донаи ман буд.
Ҳамезад оташи ӯ аз дилам забонаву шамъ
Забон кашида ба шарҳи забонаи ман буд.
Нишона сохт диламро ба пеши ғамзаи хеш,
Чӣ тирҳо, ки аз ӯ бар нишонаи ман буд!
Ишорате, ки ба асрори ноз буду ниёз,
Ҳамин миёнаи ӯву миёнаи ман буд.
Ривоҷи гуфтаи Ҷомӣ, ки мегузашт он ҷо,
Зи гармии нафаси ошиқонаи ман буд. Ҷ.6.с.192

31

Кай бувад, кай, ки зи хони ту салое бирасад,
В-аз наволи ту навое ба годое бирасад!
Марази шавқи ту шуд саъбу аз он ҷо набарам,
Гарна аз ваъдаи васли ту шифое бирасад.
Кӯҳи ғам шуд диламу номи ту гӯям бо ӯ,
Бу, ки дар гӯшам аз ин ном садое бирасад.
Дил куҷо мазҳари анвори ҷамоли ту шавад,
Гарна ин оинаро аз ту ҷилое бирасад.
Бар ту аз афсари шоҳист кулаҳ, гӯшаи фарқ,
Ҳошалиллаҳ, ки ба ҳар бесару пое бирасад.
Рафта аз пеш бурун, дар паи Лайлӣ Маҷнун,
Бошад аз маҳмили ӯ бонги дарое бирасад.
Меравад Ҷомии дилхаста, вале то набаранд,
Нест имкон, ки дар ин роҳ ба ҷое бирасад. Ҷ.6.с.203

32

Ҳеҷ шаб тири ғамат бар дили шайдо нарасад,
Ки фиғонам ба маҳ, оҳам ба Сурайё нарасад.
Он, ки васли ту з-имрӯз ба фардо андохт,
Дорам уммед, к-аз имрӯз ба фардо нарасад.
Санг бар синазанон мераваду нолакнон

Сел аз он бим, ки ногоҳ ба дарё нарасад.
Аз дами пир талаб чошнии ишқ, ки баҳр
Рашҳи ӯ бе мадади абр ба саҳро нарасад.
Меҳнати бодия каш, гар ҳаваси Каъба кунӣ,
Кас бад-ин айши муҳанно ба таманно нарасад.
Ҳиммати хеш қави дор, ки мурғи дили ту
Ҷуз бад-ин бол ба сарманзили анқо нарасад.
Нафхи рӯҳулқудус аз ҳар мутанаққис маталаб,
Нузли ин файз ҷуз аз хони Масеҳо нарасад.
Ҳар чӣ дар вақт расад, бош ба он хуш, Ҷомӣ,
К-он чӣ дар пардаи ғайб аст, расад ё нарасад. Ҷ.6.с.204

33

З-офтоб ба рашкам, ки зери пои ту афтад,
Зи соя низ, ки чун зулф дар қафои ту афтад.
Ба ҳар бало, ки расад аз ту, ғайри шукр нагӯям,
Маро атост балое, ки аз барои ту афтад!
Ба чатри шоҳ куҷо сар дароварам, ки ба фарқам
Бас аст сояи лутфе, ки аз гадои ту афтад!
Зи хок сарв бирӯяд, зи сарв дил, чу санавбар,
Чу соя дар раҳе аз қадди дилрабои ту афтад.
Агар биҳишт, бувад хотирам, қарор нагирад.
Ба хонае, ки на ҳамсояи сарои ту афтад.
Зи сина карда сипар, чашмингизор ба раҳам,
Бувад, ки бар сипарам новаки ҷафои ту афтад.
Бувад зи нахли сухан меварез хомаи Ҷомӣ,
Умедвории онро, ки он хурои ту афтад.Ҷ.6.с.209

34

Гарчи сад ҷон дар раҳи ҷонон зиён хоҳем кард,
Ҳар чӣ хоҳад хотири ӯ, ончунон хоҳем кард.
Дар дилаш ҷунбид меҳр аз нолаи мо андаке,
Андак-андак бо худ ӯро меҳрубон хоҳем кард.
Чорасози мо нашуд кас дар ҳама рӯи замин,
Баъд аз ин рӯи дуо бар осмон хоҳем кард.
Ошноёни ҷаҳонро нест ойини вафо,
Ошноӣ бо саги он остон хоҳем кард.
Нест ғайр аз достони ӯ забонро ҳеҷ ком,
То забон бошад ба ком, ин достон хоҳем кард.
Новаки ӯ кард ҷо дар устухони мочу мағз,
Қути ҷон з-ин пас зи мағзи устухон хоҳем кард.
Баски дар васфи лаби нӯшини ӯ шаккар шикаст,
Номи Ҷомӣ тӯтии ширинзабон хоҳем кард. Ҷ.6.с.210

35

Зулфи ту моҳро ба сияҳпӯшӣ оварад,
Шаброву рӯзро ба ҳамоғӯшӣ оварад.

Лаълат ба хатти сабз чу соқӣ шавад ба базм,
Хизру Масеҳро ба қадаҳнӯшӣ оварад.
Бехуд шудам зи лаъли ту, оре ҳамин бувад,
Хосияти шароб, ки беҳушӣ оварад.
Чун дар қабо хиром кунӣ, шавқи хидматат
Арбоби хирқаро ба қабопӯшӣ оварад.
Аз ёди туст зиндагиям, май намехурам,
Мастӣ мабодам аз ту фаромӯшӣ оварад.
Ҳар ҷо расӣ чу шоҳ, рақибат ба пеши роҳ
Бар ошиқон сиёсати човушӣ оварад.
Бар тӯтиёни ҳинд бубандад забони нутқ,
Ҷомӣ чу рӯ ба сеҳр суханкӯшӣ оварад. Ҷ.6.с.239

36

На дар кӯҳ ин садо аз нолаи Фарҳод мехезад,
Зи сангу оҳан аз дарди дилаш фарёд мехезад.
Хаёли оразу болои ту то бастаам бо худ,
Зи боғи хотирам гул медамад, шамшод мехезад.
Ба гулгашти чаман чун менишинӣ бар сари сабза,
Ба таъзими қадат сарв аз замин озод мехезад.
Зи ту нолам на з-он ғамза, чу хунам бегунаҳ резад,
Ҳалоки сайд не аз ханҷар, аз сайёд мехезад.
Мачӯ афсонаи дард аз дила, к-аз ғам нашуд рахна,
Нафири чуғд кай аз хонаи обод мехезад?!
Чу меояд зи теғат бар асире захми бераҳмӣ,
Зи ҷони ҳар асир овози раҳматбод мехезад.
Ғазалро аз ғами ишқи бутон деҳ чошнӣ, Ҷомӣ,
Суруди дарднок аз синаи ношод мехезад. Ҷ.6.с.240

37

Ёри мо азми сафар карду худо ёраш бод,
В-аз хатарҳои сафар ҷумла нигаҳдораш бод!
Гар бибандад ба сафар бору агар бикшояд,
Дар ҳама давлати тавфиқ мададгораш бод!
Қимати сӯҳбати ӯ нақди ду олам карданд,
Ҷони покон ба ҳамин нарх харидораш бод!
Ҳеҷ завқе ба гирифтории ишқаш нарасад,
Ҳар куҷо ҷону дила ҳаст, гирифтораш бод!
Гавҳари баҳри сафо нест ҷуз асрори ғамаш,
Синаи мо садафи гавҳари асрораш бод.
Ҳуснаш он ҷо, ки ниҳад ишвагариро бозор,
З-оташи сӯхтагон гармии бозораш бод.
Гуфт сад шеъри хушаз ваҳшати ҳичрон Ҷомӣ,
Мӯниси ваҳшатиён дафтари ашъораш бод. Ҷ.6.с.245

38

Нест ҷуз рух ба кафи пои ту судан ҳавасам,

Дорам умме, ки мабзул бувад мултамасам.
Ман кӣ бошам, ки кунам ҳамнафасӣ бо чу туе,
Ин қадар бас,ки ба ёди ту барояд нафасам.
Меравам гоҳ ба по, гоҳ ба сар дар раҳи ишқ,
Дил аз ин васваса фориғ, ки расам ё нарасам.
Мондам аз қофилаи каъбаравон боз, вале
Вақт хуш мекунад аз дур садои ҷарасам.
Ҷуз маро давлати раҳбӯсии ин қофила нест,
Ҳеҷ ғам нест, гар аз каъбаравон боз пасам.
Ба туфайли саги кӯят шудаам кас, варна
Аз касӣ дурам аз он ҷост, ки ман ҳеҷкасам.
Чанд пурсӣ, ки дар ин боғча Ҷомӣ, ту кӣ?
Ту гулу сарвиву дар пои ту ман хору хасам. Ҷ.6.с.353

39

Нишони пои сагонат, ки дар замин бинам,
Бар осмони шараф ҳаст иқди Парвинам.
Бар он сарам ба раҳат карда пой аз сари хеш,
Ки то ба ҷост сари ман, аз пой наншинам.
Ҷамоли оразу хатти ту ёд меояд,
Ба гирди сафҳаи боғ аз хати раёҳинам.
Чу омадӣ ба сарам умри рафта боз омад,
Бирафт ҷон, чу хиромон шудӣ зи болинам.
Кунад хароши ғамат соз чун бирешими чанг
Ҳазор нола зи ҳар тори далқи пашминам.
Чӣ гуна лоф занам бо касон зи дини дуруст,
Ҳазор рахна зи ишқи ту беш дар динам.
Чунин ки чархи даго мӯҳрадуздшуд, Ҷомӣ,
Аз ин бисот ҳамон беҳ, ки мӯҳра барчинам. Ҷ.6.с.354

40

Чеҳраи зард зи хун баста ҷигар таҳ ба таҳам,
Сурхрӯӣ ба ҷуз ин нест зи бахти сияҳам.
Ҷӯи хун гирди манн аз дида даромад, чӣ кунам?
Қуввати пой надорам, ки аз ин ҷӯ биҷаҳам.
Гар диҳад ҷойгаҳам пеши худ он силсиламӯй,
Натавон дошт ба занҷир дигар ҷо нигаҳам.
Нест мақсуди манн аз ишқи бутон айшу хушӣ,
Ғараз он аст, ки аз нохушии худ бираҳам.
Шустам аз занги риё хирқаи худ сӯфивор,
Мастаба савмааву майкада шуд хонақаҳам.
Ба яке гӯшаам аз майкада гар бор диҳанд,
Далқу саҷҷодаи тазвир ба як гӯша ниҳам.
Дасти Ҷомӣ буваду домани ҷонон, яъне
Бидиҳам ҷон зи кафу домани ҷонон надиҳам. Ҷ.6.с.361

41

Эй навҷавон, ки дил ба каманди ту бастаам,
Раҳме намо, ки пиру заифу шикастаам.
Чил сол дар муҷоҳада умрам чу сарф шуд,
Пиндоштам, зи меҳри бутон бозрастаам.
Барбод дода ҳосили чилсола ин замон,
Бо доғи ту ба гӯшаи меҳнат нишастаам.
Бо он ки аз қудуми ту дар тангнои ҳаҷр
Бар рӯи хештан дари уммед бастаам,
Овози пою бонги даро чун шунидаам,
Бе хештан ба рӯи ту аз ҷой ҷастаам. Гашта ҳилоле
аз сари ҳар нохунам падид,
Аз шавқи абрувони ту чун сина хастаам.
Гуфтӣ, ки чист ҳоли ту, Ҷомӣ, ба кунҷи ғам?
Пайванд бо ту кардаву аз худ гусастаам. Ҷ.6.с.362

42

Наат Салмо валекин лоҳа барқун мин мағониҳо,
Бале, манзигаҳи мақсудро бошад нишониҳо.
Насими кӯи ӯ бахшад дили уммедворонро
Умеди комгориҳо, навиди шодкомиҳо.
Куҷо шуд он зи рӯи ӯ шабамро рӯшноиҳо,
Куҷо рафт он зи лаъли ӯ лабамро комрониҳо?
Ҷавонӣ дар сару кори ҷавонон шуд, намедонам,
Куҷоянд он ҷавонон, ё куҷо рафт он ҷавониҳо.
Хизир аз туст зинда, Исӣ аз ту зиндасозанда,
Туӣ, оре, ба лабҳо чашмасори зиндагониҳо.
На аз захми ту миранд оҳувон дар сайдгаҳ, лекин,
Кунанд аз завқ бар тиру камонат ҷонфишониҳо.
Забон молӣ ба лаб ҳар дам, к-аш аз лаб мекунам ширин,
Кунӣ комам зи ҳасрат талх аз ин ширин забониҳо.
Бувад кӯҳи ғамат бар дил гарону дил гарон бар тан,
Зи кӯят рафтам инак в-аз дарат бурдам гарониҳо.
Рамузи ишқро, Ҷомӣ, даруни сода мебояд,
Ба оби май бишӯ лавҳи замир аз хурдадониҳо. Ҷ.7.с.29

43

Ба афсун гар кушоӣ мӯҳри ин лаъли шакархоро
Фуруд орӣ аз ин фирӯзагун манзар Масеҳоро.
Биё соқӣ, ки гар иқболи гардунро бақо будӣ,
Накардӣ пояи тахти Сикандар тоҷи Дороро.
Сафоли дурде андар деҳ, ки баҳри нуқл аз ин маҷлис,
Сазад гар осмон резад фурӯ иқди сурайёро.
Маҷӯ аз ақл шарҳи дил, ки дурдошоми майхона
Ба ҷоми май ҳавола кард ҳалли муамморо.
Саводи хатти васфаш мекашӣ, эй хома, сабре кун,

Ки то баҳри мидод орам бурун аз дил сувайдоро.
Қиёси сели чашми ашкбори мо куҷо донад,
Ҷуз он к-аз мушт паймудан тавонад оби дарёро.
Зи дасти мо намеояд шумори санги бедодат
На мақдур аст з-ангуштон шумурдан реги саҳроро.
Маро ту чашми биноиву ёрон ҷумла ағёрам,
Аҷаб набвад агар з-ағёр пӯшам чашми биноро.
Аҷаб шӯхиву раъно в-аз ҳама кас дӯсттар дорам
Ба ёди шӯхиву раъноият шӯхони раъноро.
Кушодам нофаи асрору хун андар ҷигар кардам,
Ҳасадварзони пинҳонро, ғаразгӯёни пайдоро.
Зи акси ашки хеш аз баски резад хуни дил Ҷомӣ,
Кунад рангинкитоба ҳар шаб ин айвони миноро. Ҷ.7.с.30

44

Бар тарфи рух ниҳодӣ он ҷаъди мушксоро,
Чун шаб сиёҳ карди рӯзи сафеди моро.
Бӯят ба ҳар машоме ҳайф аст агар тавонам,
Сӯи ту раҳ бубандам омадшуди саборо.
Баъд аз ҳуҷуми ҳичрон бе давлати висолат,
Боз омадан чӣ имкон сабри гурезпоро.
Аз лаъли ту зи чашмам шуд хуни дил равона,
Бас розҳо, ки гардад аз бода ошкоро.
Дорад рақиб бо ман дандонзанӣ ба кӯят,
Бо ҳам низои дерин бошад сагу гадоро.
Бошад бинои давлат бар ҳиммати гадоён,
Ин аст бар китоба айвони подшоро.
Бо сӯҳбати кӣ гирам унс инчунин, ки ишқат
Бегона сохт бо ман ёрони ошноро.
Фарёд аз он муаллим, к-омӯхт дар дабистон
Торочи дини пирон тифлони дилраборо.
Ҷомӣ зи сифлатабъон кам шуд сафои ҳолат,
Кардӣ сафоли тира ҷоми ҷаҳоннаморо. Ҷ.7.с.31.

45

Ку қосиде, ки шарҳи ғами иштиёқро
Созам пур аз ғазал чу Хуросон Ироқро.
Ҳар шаб ба сурати шафақ аз акси хуни дил
Рангин кунам китобаи ин сабзтоқро.
Бо бахти ман замона кунад иттифоқу нест
Ҷуз ҳаҷри дӯст хосият ин иттифоқро.
Ҷуз барқи субҳи васл зи сарманзили умед,
Зоил нахост зулмати шоми фироқро.
Ҷонам ба лаб расид чу бахтам ба ком рехт,
Ин заҳрнок шарбати маррулмазоқро.
Умрам чу бар талофии ҳичрон амон надод,

Бастам камар талоқии явмулталоқро.
Ҷомӣ, намунаест зи айвони қасри шоҳ,
Эзид, кис ар ба арш кашид ин равоқро. Ҷ.7.с.33.

46

Ораз зи хат ороста шуд нӯшлабонро,
Барҳам зад аз он оразу хат рӯзу шабонро.
Он нахли тарабро чу газидам лаби ширин,
Гуфто, ки макун хаста зи дандон рутабамро.
Дил дошт навои тараби фурқати он моҳ,
Бо нола бадал кард навои тарабамро.
Дорам ба ту рӯй аз ҳама з-он дам, ки ниҳоданд
Дар қабзаи ишқи ту зимоми талабамро.
Табларзаам аз оҳи худ, аз лутф карам кун
Торе, ки аз он ришта бубанданд табамро.
Маҳҷубам аз он орази хуб аз сабаби зулф,
Ё раб, бикаш аз пеш ҳиҷоби сабабамро!
Гуфт аз лаби майгуни ту Ҷомӣ сухане чанд,
Бифрӯхт ба май дафтари фазлу адабамро. Ҷ.7.с.34.

47

Набурд каъбаам аз хотир ин таманноро,
Ки қиблагоҳ кунам хаймагоҳи Салморо.
Чу нест рӯи тавоҷҷӯҳ ба хаймагоҳи ваям,
Ба сӯи каъба кунам рӯи худ тасаллоро.
Хаёли қомати ӯ кори сарбаландон аст,
Ҳарими судра бувад ҷо дарахти тӯборо.
Кушон гӯшаи бурқаъ зи рӯяш, эй сӯфӣ,
Биё мушоҳида кун маънии тақаллиро.
Ба остонаи майхона кай тавон зад даст,
Ба зери пой накарда сипеҳри аълоро.
Ба саҷъу қофия Ҷомӣ ҳамеша моил буд,
Зи баҳри бастани зевар арӯси маъноро.
Ҳуҷуми ишқи ту ногаҳ расиду як сар бурд,
Зи хотираш ҳаваси шеъру завқи иншоро. Ҷ.7.с.35.

48

Ҷуз ҳавои васли ту дар сар ҳавас набвад маро,
Гар куни парвои ман, парвои кас набвад маро.
Баста ҷон эҳроми кӯи тусту қолаб маҳмилаш,
Ҷуз дили нолон дар ин маҳмил ҷарас набвад маро.
Маст мегардам ба даври лаъли ту дар шаҳру кӯй,
Ҳеҷ тарс аз шаҳнаву бим аз асас набвад маро.
Даст мехоҳам ба поят сояму молам ба рӯй,
Беш аз ин чизе зи лутфат мултамас набвад маро.
Як нафас мехоҳам аз лаъли лабат дар кори хеш
Лек ҳаргиз бо ту ҳадди ин нафас набвад маро.

Баъди дерам гар диҳӣ дашном, ҳоли бас макун,
З-он ки сад чандин ба ҳар дам аз ту бас набвад маро.
Гуфтаӣ ҳар дам расид аз Ҷомиям шеъре ба даст,
Чун кунам з-ин хидмате беҳ дастрас набвад маро. Ҷ.7.с.36

49

Пора-пора дили ҳазини маро,
Бин шарор оҳи оташини маро.
Пок мекардам ашки хеш зи рух
Ғарқи хун сохт остини маро.
Чашми ту гар дилам рабурд чӣ бок,
Чун саломат гузошт дини маро.
Баски судам ба роҳи ноқаи ту
Бин чу зонуи ӯ ҷабини маро.
Рух зи дуррам намудӣ андар роҳ,
Зад раҳи ақли дурбини маро.
Хатти ту саф кашида мӯронанд,
Ки камар бастаанд кини маро.
Бе ту мемурд Ҷомиву мегуфт,
Ки бақо бод нозанини маро. Ҷ.7.с.37.

50

Ид шуду оламе куштаи ҷавлон туро,
То ки қабул уфтод аз ҳама қурбон туро.
Лаъли суми тавсанат ҳайф бувад бар замин,
Дидаи ушшоқ бод арсаи майдон туро.
Бурдани дилҳот кор, ғорати динҳо шиор,
Беҳ ки наяфтад дучор ҳеҷ мусулмон туро.
Теғи сиёсат бикаш, хуни асирон бирез,
Давлати хубӣ чу дод ҳашмати султон туро.
Мефиганӣ тиру ман ранҷа ки ногаҳ барад,
Ин ҷигари оташин об зи пайкон туро.
Абри сияҳ, гӯ, саҳар равзани машриқ бубанд,
Матлаи хуршед бас чоки гиребон туро.
Роҳиларо, Ҷомиё, регги ҳарам соз ҷо,
Чанд кунад пойбанд хоки Хуросон туро. Ҷ.7.с.38

51

Сарат зи орази даҳр дардманд мабод,
Замона бар дили шоди ту ғамписанд мабод!
Ту ҷони аҳли ниёзӣ ба бачорболиши ноз,
Танат ба нози табибон ниёзманд мабод!
Зи нози кист вуҷудат сиришта сар то пой,
Вуҷуди нозукат озурдаи газанд мабод!
Бар оташин лабат он хол, к-аз таб афтодааст,
Ба чашмзахми ҳасудон ба ҷуз сипанд мабод!
Илоҷи гиряи талхам, чу ҷоми айш кашӣ,

Ба ҷуз табассумат аз лаъли нӯшханд мабод!
Ҷуз он зи сарвқадон, к-ӯ қабули хотири туст,
Ба пайбӯсии рахши ту сарбаланд мабод!
Савора чун бадар оӣ, зи фарқи тоҷварон
Ба ғайри тоҷ зи ту ҷуз суми саманд мабод!
Каманди давлати сармад турост, ҳеҷ саре
Бурун зи рибқаи тасхири ин каманд мабод.
Найест ноираи файзи хомаи Ҷомӣ,
Бар он най аз нафаси айбҷӯй банд мабод! Ҷ.7.с.181

52

Биё, ки қосиди фархундапой зи роҳ расид,
Расонд мужда,ки шоҳи ҷаҳонпаноҳ расид.
Фурӯғи нури ҷамолаш ба чашми меҳр афтод,
Садои кӯси ҷалолаш ба гӯи моҳ расид.
Сурури маҷлиси риндони дурднӯш ин аст,
Ки шоҳи тахти ҷалолат ба тахтгоҳ расид.
Шуданд наъразанон ношунида нағмаи най,
Ки ин ҳаво ба муқимони хонақоҳ расид.
Ба ханда гӯ, лаби мазлум аз башорати тахт,
Ки додбахш ба сарвақти додхоҳ расид.
Гуноҳ буд, к-аз ӯ дурр зистам якчанд,
Чиҳо ба рӯяи ман аз шарми ин гуноҳ расид.
Чу кард даъвии шодӣ дилам, ба мақдами ӯ
Зи ашки шодияш аз ҳар мижа гувоҳ расид.
Расид ҷазбаи лутфе ба ҳар заиф аз вай
Бад-он масоба ки аз қаҳрабо ба кох расид.
Ба ҳар гадо, ки чу Ҷомӣ фиканд гӯшаи чашм,
Зи хоки роҳи мазаллат ба садри ҷоҳ расид. Ҷ.7.с.182.

53

Гиряи талхи ман аз хандаи он лаб нигаред,
Ташналаб мурдани ман з-он чаҳи ғабғаб нигаред!
Ашкам аз акси лабаш бодасифат рангин шуд,
Соғари чашмам аз бода лаболаб нигаред!
Бода хуни ҷигару нуқл ғаму сина кабоб,
Баҳри айшам ҳама асбоб мураттаб, нигаред!
Сӯхтам з-оташи ҳичрони вай, инак сад доғ
Ҳамчу табхола маро бар дил аз он таб нигаред!
Чун савора равад он моҳ, ба ҳар гом ӯро
Сад сар афтода ба зери суми маркаб нигаред!
Хуфта он тозаҷавон дар тутуқи иззату ноз
Бар дари ӯ сари пирони муқарраб нигаред!
Баҳри наззораи он маҳ чу равад лавҳ ба каф
Саф зада аҳли назар дар раҳи мактаб нигаред!
Ҳусни рухсор ба ҷо хост хаташ гирди узор

Рӯз норафта ҳанӯз омадани шаб нигаред!
То занад Ҷомии ғамдида рақам шаҳри фироқ
Дуди дил бо нами мижгон-ш мураккаб нигаред! Ҷ.7.с.183.

54

Хиште, ки рӯзи марг маро зери сар ниҳанд,
Дорам ҳамин мурод, к-аз он хоки дар ниҳанд.
Пайкони ту сурх шавад з-онташи дилам,
Хуш он ки баҳри доғ маро бар ҷигар ниҳанд.
Сад иқди гавҳар аз мижа резам чу он ду лаб
Қуфли ақиқ бар дари дурҷи гуҳар ниҳанд.
Н-ояд яке чу даври хатат гар муҳандисон
Бар гил ҳазор дира аз мушки тар ниҳанд.
Дил шуд хароби ишқ, ҳамон беҳ, ки ақлу дин
З-ин пас матои хеш ба ҷои дигар ниҳанд.
Бикшо камар дар анҷумани симсоидон,
То дастҳо ба хидмати ту бар камар ниҳанд.
Ширин лабат мадузд зи Ҷомӣ, ки нест айб
Гар пеши тӯтиёни сухангӯ шакар ниҳанд! Ҷ.7.с.184

55

Рақам мезад қалам васфи лаби лаъли ту бар қоғаз,
Қалам шуд найшакар в-аз найшакар ғарқи шакар коғаз.
Тунукдилро чӣ тоқат пеши таъни ҳосидон, оре
Наёрад тоби захми тир чун бошад сипар коғаз.
Бувад, к-аз зери по бардориву хонӣ ғами худро,
Ба хуни дил нависам в-афканм дар раҳгузар қоғаз.
Нашояд бар ту боди гарму сард, эй шамъ, мехоҳам,
Ки чун фонус созам хонаатро бому дар коғаз.
Ба қоғазҳои рангин чун бувад моил дили тифлон
Кунам дар номаи ту лаъл аз хуни ҷигар қоғаз.
Паёми раққати худ дод дин аз кӯи ту ҷоно
Чу он ёре, ки бифристад ба ёре аз сафар қоғаз.
Дили Ҷомӣ зи баҳри шеър бошад махзани гавҳар,
Аз он махзан ба доман мебарад инак гуҳар қоғаз. Ҷ.7.с.185

56

Қадат сарвест, ҷоно, сояпарвар,
Ба сад дил дар ҳавои ӯ санавбар.
Ба он хат бурдӣ аз аҳли қалам даст,
Набошад, оре, ангуштон баробар.
Чунон бо даъвият дартобам аз шамъ
Ки хоҳам аз тани ӯ барканам сар.
Ҳамин бас дар маориф вақди воиз,
Ки кӯбад пой бар болои минбар.
Рақиб ар гӯядат то пеши ушшоқ
Маро бо худ бибар, бо худ маёвар.

Ба расми тӯҳфа гар Ҷомӣ сӯи Форс,
Фиристад ин ғазалро тозаву тар,
Зи ҷони форсигӯёни Шероз,
Барояд наъраи «аллоҳу акбар» Ҷ.7.с.186

57

Ид шуд андар канору бӯса бо ҳам ҳар ду ёр,
Ёри мо нодода бӯса мекунад аз мо канор.
Диданаш ид асту идӣ бӯса додан бар лабаш,
Эй худо, з-ин иду идӣ коми муштоқон барор.
Гар диҳад нашмурда аз лаб бӯсаи идӣ маро
Шукри он давлат наёрам гуфти то рӯзи шумор.
Мекунам ҳар рӯз иде з-он ду рух, аммо накард,
З-он лаби нӯшин маро ҳаргиз ба идӣ шармсор.
Мекунам аз ранги нав ҷома ба расми иди нав,
Баски хуни дил ҳамерезам зи чашми ашкбор!
Иди ушшоқ асту ҳар ҷо ронд аз наъли саманд,
Сад ҳилоли ид гардад дар раҳи ӯ ошкор.
Ҷомиё, гираш сари раҳ идӣ з-он, ки ид
Ғайр аз ин кори гадоён нест дар ҳар раҳгузор. Ҷ.7.с.187

58

Эй ба назора карда рӯ, мавкиби моҳи ман нигар,
Хайли бутон сипоҳи ӯ, ҳашмати шоҳи ман нигар.
Пайсипарам ба роҳи ӯ, бовар агар намекунӣ,
Ҷаста зи наъли тавсанаш шӯълаи оҳи ман нигар.
Ҳаст кулоҳи бандагеш афсари сарбаландиям,
Чун маҳи нав сипеҳрсо тарки кулоҳи ман нигар.
Боғи тар асту тоза ӯ, хушк гиёҳи ӯ манам,
Рафта ба сарсари ғамаш хушкгиёҳи ман нигар.
Донаи ашк шуд равон бар рухи зардам аз мижа,
Ҳосили тухми меҳри ӯ донаву коҳи ман нигар.
Бод кушод бурқаъаш, зулф гирифт ҷои ӯ,
Монеъи давлат омада бахти сиёҳи ман нигар.
Пой бар остона зад кафаш ба сар чу Ҷомиям,
Бар сари тахти салтанат афсари ҷоҳи ман нигар. Ҷ.7.с.188.

59

Гар кунӣсояам, эй сарви хиромон бар сар,
Сар ба поят ниҳаму дидаи гирён бар сар.
Метавон нисбати болои ту бо сарви сиҳӣ
Гар бувад сарви сиҳиро маҳи тобон бар сар.
Аз гули рӯи ту танҳо чу кунам гашти баҳор,
Ниҳам аз нола ҳамон саҳми гулистон бар сар.
Шаҳи хубон туӣ, имрӯр в-агр адл кунад,
Тоҷи шоҳи ниҳадат Хусрави даврон бар сар.
Рахна шуд з-оҳи дилам, чархи қавидасти ку,

Ки фурӯ к-ӯ ба дам ин гумбади вайрон бар сар.
Мурдам аз хондани ёсин, ту хез, эй зоҳид
Ки маро бас бувад ин шӯхи ғазалхон бар сар.
Боз кун гӯши иноят сӯи Ҷомӣ, ки кунад,
Дафтари наср нисори туву девон бар сар. Ҷ.7.с.189.

60

Ба рухсору ҷабину рӯю ораз бурдӣ, эй дилбар
Фурӯғ аз субҳу нур аз рӯзу акс аз моҳ, тоб аз х(в)ар.
Фурӯғу нуру аксу тоби рӯят карда ошиқро
Басар бино, хирад доно, равон равшан, замин анвар.
Сагу санги дару сакбону дарбони туро ҳар шаб,
Фитам дар по, ниҳам бар сар, барам фармон, шавам чокар.
Набошад дар ҳама Руму Райю Чину Чигил шӯхе,
Чу ту хунрезу шӯрангезу рангомезу ҷанговар.
Ба ораз гул, ба мӯ сунбул, ба сар насрин, ба тан симин,
Ба қад тӯбо, ба рух ҷаннат, ба хат тӯтӣ, ба лаб шаккар.
Қабо дебо, кулаҳ зебо, бадан нозук, камар чобук
Иборат хуш, сухан дилкаш, даҳон кӯчак, миён лоғар.
Ба зулфи турраи мушкину гуфтори лаби ширин
Сумансою қамарфарсою рӯҳафзою ҷонпарвар.
Манну хирману яъсу ранҷ, меҳнат чун бувад гирдат
Ҳисор аз сангу сур аз рӯю дар з-оҳан, калид аз зар.
Туӣ дар гулшану барзан, туӣ, дар хубиву ҳашмат
Гули ҳумро, бути раъно, маҳи анвар, шаҳи кишвар.
Зи завқи мастиву махмуриву чашму лабат доим
Кашам хирқа, диҳам субҳа, харам бода, занам соғар.
Ба фикру нутқу шеъру хутту боли худ шудӣ Ҷомӣ,
Тиҳӣ кун дил, фурӯ хур дам, шикан хома, фиган дафтар! Ҷ.7.с.190.

61

Фасли дай кӯтаҳ бувад, соқӣ барои айши рӯз
Ришта гир аз шамъу аз шаб васлае бар рӯз дӯз.
Аз фурӯғи фузлаи шаҳдам чӣ ҳосил, фазл кун,
В-аз рухи шоҳид ҳарими маҷлисамро барфурӯз.
Дар ҷавонӣ буд саҷда пеши шоҳид одатам
Ёдгоре монда з-он дар пириям ин пушти кӯз.
Нест бар манн доғе аз маҳрумӣ аз доғат батар,
Ҷуз бад-ин доғам, ба ҳар доғе, ки мехоҳӣ бисӯз.
Медиҳад ёдам заволи умру ҳирмон аз мурод
Аз касоди яхфурӯши шаҳру гармои тамуз.
Бар бисоти қурб кай донам ниҳодан пой рост
Ман, ки пои ростро аз чап намедонам ҳанӯз.
Кам шав, эй муфтӣ, ба фатво монеи Ҷомӣ, зи ишқ
Нест бар девонагон ҳукми яҷузу лоячуз. Ҷ.7.с.191

62

Надорам дареғ аз ғамат ҳеҷ чиз,
Ки меҳмони нохонда бошад азиз.
Агар бастият килки Шопур нақш
Шудӣ Хусрават банда, Ширин каниз.
Паи қимати чун ту симинбаре
Бувад ганҷи зар камтар аз як пашиз.
Бувад мазраи ҳимати ошиқон
Бурун аз ҳисоби ҷарибу қафиз.
Дило, хоҳӣ аз ошиқӣ бархӯрӣ,
Бишӯй аз ҳама даст в-аз хеш низ.
Ба сели фано деҳ ҳама рахту пахт
Ба мавҷи балокаш ҳама чизу миз.
Бибар, Ҷомӣ, аз чарбу ширини даҳр,
Чу тифлон макун майли ҷавзу мавиз. Ҷ.7.с.192

63

Ман ба хун ғарқаву лаби лаъли ту дар ханда ҳанӯз,
Захмкориву ман аз теғи ту шарманда ҳанӯз.
Чӣ аҷаб, гар бигузорам ҳама шаб бе ту чу шамъ
Аҷаб ин аст, ки рӯз ояду ман зинда ҳанӯз.
Бас гирифтор, ки дар роҳи вафоят шуда хок
Сарви ту соя бар он хок наяфканда ҳанӯз.
Накунад гарчи дигар бо ту санавбар даъвӣ
Хурад аз дасти сабо мушти пароканда ҳанӯз.
Солик аз жандаи садпора ба ҷое нарасад,
Ришстаи меҳри ту нодӯхта дар жанда ҳанӯз.
Шоҳро хотами давлат надиҳад нақши мурод,
Дар нигин ҳарфи таманнои ту ноканда ҳанӯз.
Ҷомӣ озод шуд аз бандагии халқ, вале
Ҳамчунон ҳаст саги кӯи туро банда ҳанӯз. Ҷ.7.с.193

64

Ояд ба барам чун нигоре наву ҳаргиз,
Тозад ба сарам чун ту саворе наву ҳаргиз.
Умре паи як бӯса агар рӯ ба ту орам,
Ҳаргиз гузарад бар лабат, оре наву ҳаргиз.
Корам чӣ бувад, ишқи туву бори ғами дил,
Коре беҳ аз ин донаву боре наву ҳаргиз.
Мӯест миёну сари мӯест даҳонат,
Бӯсе бувад имону каноре наву ҳаргиз.
Тори сари зулфи ту дароз аст, кассе дид,
З-ин сон ба дарозӣ шаби торе наву ҳаргиз.
Аз наргиси махмури ту дар айни хуморем,
Лаъли ту кунад дафъи хуморе наву ҳаргиз.
Гар хок шавад Ҷомии дилхаста, нишинад,
З-ин бар дили поки ту ғуборе наву ҳаргиз. Ҷ.7.с.194

65

Хандае зад лаби ту бар мани гирён, ки мапурс,
Шокирам аз лаби хандони ту чандон, ки мапурс.
Ёди он рӯз, ки сирри даханат пурсидам,
Лаб гирифтӣ зи сари ноз ба дандон, ки мапурс.
Рӯзе аз бими касон зери лабам пурсидӣ
Ёфтам завқ аз он пурсиши пинҳон, ки мапурс.
Сари хубониву сомони чаҳоношӯбон,
Бе ту з-ин сон шудаам бесару сомон, ки мапурс.
Бомдодон, ки ба гардан фиганӣ хилъати ноз,
Фитнаҳо барзаданат сар зи гиребон, ки мапурс.
Чӣ ғам аз зарбати чавгони маломат, ки бувад,
Бо худам ҳоле аз он гӯӣ занахдон, ки мапурс.
Бе ту Ҷомӣ чу тане монда зи ҷон аст ҷудо,
Аз тани хеш, ки мегӯядат, эй ҷон, ки мапурс. Ҷ.7.с.199

66

Маннам имрӯз ҳолате, ки мапурс,
В-аз видоат маломате, ки мапурс.
Рафтиву бе ту ҷон нарафт аз тан
Дорам аз ту хиҷолате, ки мапурс.
Монда з-ин кори ишқи туст фақеҳ,
Дар ҳиҷоби чаҳолате, ки мапурс.
Мурғи тири ту карда нома ба пар,
Дар ҳалокам рисолате, ки мапурс.
Бас ҳидоят талаб, ки аз зулфат,
Руфта роҳи залолате, ки мапурс.
Баҳри оинагит сӯфии шаҳр,
Дода дилро сақолате, ки мапурс.
Шуд чу тӯтӣ зи шаккарат, Ҷомӣ,
Мурғи ширинмақолате, ки мапурс. Ҷ.7.с.200

67

Латофати лаби ӯ бину аз зулол мапурс,
Хаёли абрӯи ӯ банду аз ҳилол мапурс.
Зи дасти дӯст шикоят ба дигарон хуш нест,
Малол менигар, аз мӯҷиби малол мапурс.
Бигӯӣ гуфт кассе ҳол чист, гуфт, бубин
Фитода дар хами чавгон марову ҳол мапурс.
Шавад зи пири муғон ҳалли мушкилоти тариқ,
Рамузи ошиқӣ аз пири моҳу сол мапурс.
Ба сирри ранҷу бало ҷуз расидагон нарасанд,
Зи тифл ҳикмати озори гӯшмол мапурс.
Битофт партави васлаш пас аз ҳазор алам,
Кунун зи меҳнати андешаи завол мапурс.
Зи сирри ишқ агар бӯй бурдай, Ҷомӣ,

Ҳадиси ҳаҷр магӯ, қиссаи висол мапурс! Ҷ.7.с.201

68

Тирборон расад аз қавси кузаҳ, бар наргис,
Сар аз ин саҳм кашад дар сипари зар наргис.
Ҷоми зар бин, ки зи аснои ту симангуштон,
Чун намудаст чу хубони суманбар наргис.
Ганҷи Қорун ба дар овард ҳамоно зи замин,
Ки чунин аз зару сим аст тавонгар наргис.
Обрӯи дигар овард чаманро, ки навишт,
Бар мутаввал «алиф»-е «мум»-и мудаввар наргис.
Ҳаст масте, ки зи гил сар саза дар ҳашри баҳо,
Сархуш аз косаи сар сохта, соғар наргис.
Турфа мурғест, ки дорад ба чаман чун товус,
Аз зари ноб гуле таъбия дар пар наргис.
Қадри насрину гул аз шохи баланд аст, вале
Бар лаби ҷӯй бувад аз ҳама бартар наргис.
Ба ҳаводории воло алами давлати шоҳ
Чашм бинҳода ба болои санавбар наргис.
Ҷомиосо ҳама тан чашм шуда то ки кунад,
Илтимоси назар аз шоҳи диловар наргис. Ҷ.7.с.202

69

То ба чашмат шуда дар ноз баробар наргис,
Нозанинои чамнрост назар бар наргис.
Гар ба мастона ду чашмат кунам ӯро нисбат
Кунад аз гиряи шодӣ мижаҳо тар наргис.
Дар тамошои чаман чашми ту ҳар ҷо, ки фитад,
Масти чашми ту барорад зи замин сар наргис.
Азми ишрат ба сари сабзаву гул каш, ки шавам,
Ҷоми базми ту яке лолаву дигар наргис.
Чун ба болои ту монад ба ҳазорон сӯзан
Дӯхт дида ба тамошои санавбар наргис.
Дар чаман ҳар саҳар аз шавқи туам печида,
Гоҳ дар сунбули серобу гаҳе дар наргис.
Васфи хатти сияҳат хондаам аз ҳар сунбул
Шеваи чашми хушат дидаам аз ҳар наргис.
Ҷомӣ аҳсан-т, ки аз баҳри саводи ғазалат,
Карда аз соқу варақ хомаву дафтар наргис. Ҷ.7.с.203

70

Машав фирефтаи ҳусни сурат, эй дарвеш,
Ба рӯи шоҳиди маънӣ кушой дидаи хеш.
Макун ба дидаи хушқоматон ба боло рӯй
Мабод монӣ аз ин кору бор сар дар пеш.
Малоҳати сухани ишқи ошиқон донанд,
Наёфт чошнии ин намак ба ҷуз дили реш.

Тариқи ақл раҳо кун, ки ҳеҷ кас нанишаст,
Ба садри қурб ба тадбири ақли дурандеш.
Куҷост шаҳан, ки то шаҳрро бипардозад,
Зи сифлагони мусулмоннамои кофаркеш.
Шубон ба хок в-аз он бехабар, ки афтодаст,
Ҳазор гург фузун дар рама ба сурати меш.
Мадеҳ ба мадраса Ҷомӣ зи сирри васл нишон,
Ки бар фақеҳ намечаспад ин сухан ба сиреш. Ҷ.7.с.204

71

Ошён месозад аз хас булбули бесабру ҳуш,
Мекунад з-ағёр ҳоли херо хошокпӯш.
Вақти гул бошад ғанимат, ҷуз ба ишрат магзарон,
Дам ба дам дар гӯши ҳушам гӯям ин маънӣ суруш.
Рӯи ҳиммат кай кунад дар маснади тамкин шоҳ,
Чун ниҳад бар хуми май пушти фароғат майфурӯш.
Заъфи пириро даво кардаш талаб гуфт он ҳаким,
Навҷавонӣ ҷӯйю бар рӯяш шароби лаъл нӯш.
Дар чаман аз лаззати гуфту шуниди васфи ту
Ғунчаҳо як сар даҳон гаштанду гулҳо ҷумла гӯ.
Доғ бар дил, рахна бар ҷон, сар ба саҳро додаӣ
Галла-галла безабононро бад-ин доғуу дурӯш.
Рух намудӣ, Ҷомӣ, аз васфи ту чун бандад забон,
Кори булбул нест вақти гул, ки бишнавад хамӯш. Ҷ.7.с.205.

72

Чун нуҳуфтӣ он ду рух бикшо лаби хандони хеш,
Ҷилва деҳ бар бедилон як ғунча аз бӯстони хеш.
Кас рутаб бе хаста кам дидаст, лаб аз ман мадузд,
То ки созам он рутабро хаста аз дандони хеш.
Мурдам, аз пироҳанат дидан чӣ ҳоҷат захми теғ,
Чун ба қасди қатли ман боло занӣ домони хеш.
Ҳар рагамро шуд ба пайкони ту пайванде ҷудо,
Кун тараҳҳум в-аз тани зорам макаш пайкони хеш.
Манн зи ту маҳруму афғони ман ояд сӯи ту,
Кош битвонам, ки оям ҳамраҳи афғони хеш.
То набинад чашм дар наззораат ҳар булҳавас
Аз сиёсат зери хунам бар сари майдони хеш.
Баҳри ҷадвал зар диҳад хуршеди гардун лоҷвард
Чун кунад Ҷомӣ савод аз баҳри ту девони хеш. Ҷ.7.с.206

73

Нигори ман, ки бошад хона аз кӯи вафо дураш,
Набинам хонае дар шаҳр дур аз фитнаву шӯраш.
Ҷамолаш боғи пурмеваст, ғӯриваш ғаразнокон
Худоё, дар паноҳи хеш дор аз ғорати ғӯраш.
Гадое далки худ дода ба май набвад ба ҷуз шоҳӣ,

Ки карда дасти таҷрид аз либоси салтанат ураш.
Шаҳе, к-аз ҳашматаш дар чашм будӣ Ҷам кам аз мӯре,
Кунун дар хок бинӣ чашмхона, хонаи мӯраш.
Ҳар он мискини муфлис, к-ӯ зи зар набвад қавибозу
Ба симин соиди ӯ даст бурдан, кай расад зӯраш.
Магӯ бе ман беҳ аз марг аст бурдан зинда ошиқро,
Ки баъд аз мурдан ин афсона натвон гуфт дар гӯраш.
Дар ин шаҳри дудар Ҷомӣ манеҳ сури тараб, к-афтад,
Зи сангандоз мотам ҳар замон сад рахна дар сураш. Ҷ.7.с.207

74

Хушо манозили Салмову рубъу атлолаш,
Ки бурд расму асар гардиши маҳу солаш.
Кадом кох сарафрохт з-ин нишемани хок
Ки дастбурди ҳаводис накард помолаш.
Аҷаб, зи нола ба тангам, ки ногузашта зи лаб
Яке ҳанӯз расад, дигрӣ зи дунболаш.
Дарой соқиву дарде мае, ки пеши хирад,
Лақаб ақиқи музоб асту лаъли сайёлаш.
Бувад, ки давлати мастиву бехудӣ диҳадам,
Халосӣ аз ғами идбори даҳру иқболаш.
Насиҷи ин ғазали хуш, ки кас набофтааст
Ба қадди ишқу вафо хилъате ба минволаш.
Ҳидояест ҳамоно, к-аз он ҷаҳон Маҷнун
Ба номи Ҷомии дилхаста карда ирсолаш. Ҷ.7.с.208

75

Ҳашмати майфурӯш бин, бар дари ӯ зи ҳар тараф,
Гирди мавоиди карам аҳли сафо кашида саф.
Файзи караматаш ниҳад дам ба дам аз сафоли май,
Ринди худошиносро ҷоми ҷаҳоннамо ба каф.
Паваришат диҳад фалак, лекин аз ӯ ту бартарӣ,
Беш ниҳад, бале, хирад қимати гавҳар аз садаф
Пардаи дидаву дилам фарш бувад ба роҳи ту,
Гар қадаме бад-ин тараф ранҷа кунӣ, зиҳӣ шараф.
Қиблаи ҷони аҳли дил мастиву бехудӣ бувад,
Ваҳ, ки ба зӯҳду тавба шуд беҳуда умрҳо талаб.
Бонги дафина хуш бувад хоҷаи заршуморро,
Муфлиси дурдхораро хуштар аз ин садои даф.
Меҳнати бодия макаш Ҷомиву азми Кӯфа кун,
Шав паи ҳаҷҷу умра ҳам тоифи машҳади Наҷаф. Ҷ.7.с.222.

76

Ба худ гумони ман ин буд, ки дар бидояти ишқ,
Ки кӯси мулк занам зуд дар вилояти ишқ.
Дареғу дард, ки ҳар дар миён фурӯ рафтам,
Надида бориқаи лутф аз ниҳояти ишқ.

Зи корхонаи ишқам ҷуз ин насибе нест,
Ки бар забон гузарад гаҳ- гаҳам ҳикояти ишқ.
Ҳуқуқи ишқ риоят чунончи мебояд,
Наёфт, з-ин бувад аз ошиқон шикояти ишқ.
Паи нузули ҳар оят шунидаам сабабе,
Бурун бувад зи сабабҳо нузули ояти ишқ.
Зи ҷаври даҳр паноҳе гирифта ҳар бедил,
Паноҳи ман чӣ бувад сояи иноятиишқ.
Чӣ суд саъйи ту, Ҷомӣ, беҳ он бувад, ки ниҳӣ,
Зимоми маслиҳат андар кафи кифояти ишқ. Ҷ.7.с.225

77

Биё соқӣ, биёр он бодаи пок,
Бишӯ ҳарфи маро з-ин тахтаи хок.
Ки банди пой гашта ҳарфи ҳастӣ
Нашояд рафт аз ин роҳи хатарнок.
Бувад осоннамо идроки мақсуд,
Вале мушкил бувад идроки идрок.
Ҳамебинӣ, валекин дид худро
Набинӣ ин на биноист монок
Зи хористони табъ андар ду чашмат,
Халида, гӯиё, хор асту хошок.
Аҷибтар он ки ҳаргиз як сари мӯй
Зи нобиноии худ нестат бок.
Чу наргис чашмҳо бикшода Ҷомӣ,
Ба кӯрӣ сохтӣ ҳошок-ҳошок. Ҷ.7.с.226

78

Марост бе рухи ту шодие ба ғам наздик,
Шабеву рӯзе дар тирагӣ ба ҳам наздик.
Шаби фироқи ту аз ҳад гузашт кай бошад,
Ки ояд ин шаби меҳнат ба субҳдам наздик.
Бираст з-офати имсоки зӯҳд ҳар кӣ нишаст,
Зи хумми бода ба сарчашмаи карам наздик.
Маноз гӯшаи даврон ба ҷоми Ҷам, ки бувад,
Сафоли майкадаи мо ба ҷоми Ҷам наздик.
Чу шавқи қоиди раҳрав бувад набошад дур
Гараш ба дида нашояд раҳи ҳарам наздик.
Чу реги гарм дусад кӯҳи оташ аст ба роҳ
Маро чӣ заҳра, ки сӯят ниҳам қадам наздик.
Рухат зи дидаи тардоманон нигаҳ медор,
Ки кам ниҳад, кассе оинаро ба нам наздик.
Зи илму фазл чӣ фолам, ки даҳр месанҷад,
Матоъи беш зи бешам ба кам зи кам наздик.
Мабош ғамзада Ҷомӣ, ки корвони вуҷуд
Расидааст ба сарманзили адам наздик. Ҷ.7.с.227

79

Шаккар омад зи хандаи ту ба танг,
Кӯзаи худ набот зад бар санг.
Рӯи ту пурсафо зи ашки ман аст,
Гарчи аз нам барорад оина занг.
Сулҳи ту бегуноҳ хунрезист
Бар сари сулҳи ту касонро ҷанг.
Номи худро рақиб ошиқ кард,
Ҳаст аз ин ном ошиқонро нанг.
Анҷум аз мотам анҷуман созанд,
Чун шавад оҳи ман баландоҳанг.
Лолаҳои дуранг бин гашта
Ҳама дар доғдорият якранг.
То ба кӯят муқим шуд Ҷомӣ,
Бошад аз фикри ҳаҷ ба сад фарсанг. Ҷ.7.с.228.

80

Аз дару баставу девори баланди ту ба танг,
Омада бо дару девор аз ин ғусса ба ҷанг.
Гуфтаӣ шаб дари мо чанд занӣ, ин на дуруст
Аз дили сахти ту бар сина ҳамекӯбам санг.
То ба гӯши ту расад нолаи ман, мехоҳам,
Ки ба базми ту кунам аз раги ҷон ришгаи танг.
Додаам дил ба ту аз сурати мижгони ту пар
Бастаам бар камарат таркаше аз тири хаданг.
Чи кунам чора, ки карданд дар ин луҷҷаи Нил
Гавҳари васли туро таъбия дар коми наҳанг.
Набарад нақши хати сабзи туро гиря зи дил
Нашавад пок ба шустан зи рухи оина занг.
Номи Ҷомӣ чӣ бувад нанги ҳама бадномон,
Ринди расвошуда аз номи накӯ дорад нанг. Ҷ.7.с.229

81

Ҳар кас домани сулҳат ба чанг,
Бар сари ин аст мор обо ту ҷанг.
Сӯҳбати танги ту бо бегонагон
Ошноёнро ҳаме орад ба танг.
Меҳнати ҳаҷри ту пояд солҳо
Давлати васли ту бошад бедиранг.
Мӯҳри хаттатро ҳунар донад дилам,
Гарчи бошад айб бар ойина занг.
Чеҳраам шуд каҳрабо, ашкам ақиқ
Беш аз инам нест аз лаъли ту ранг.
Кай расад дар ишқ ақли тезпой
Чун равад бо маркаби Ҷам мӯри ланг.
Некномӣ кам талаб Ҷомӣ, ки ҳаст,

Ишқбозонро зи номи нек нанг. Ҷ.7.с.230

82

Қад бадассубҳу ало асъади фол,
Вазақиддику ало атяби ҳол.
Соқиё, мегузарад вақти сабӯҳ,
Қадаҳе чанд, бидеҳ моломол.
Ранҷи махмури шабона наравад,
Ҷуз ба майҳои сабӯҳ аз дунбол.
Субҳдам ташналабонро маи лаъл
Медиҳад хосияти оби зулол.
Ҳаббазо, оби зулоле, ки аз ӯст,
Шуста аз чеҳраи ҷон гарди малол.
Ҷомиё, бода хуру дор ҳарам
Ба ҳалолеш марав роҳи залол.
З-он ки май хоса ба ширинписарон
Мастӣ орад, чӣ ҳараму чӣ ҳалол. Ҷ.7.с.230

83

Эй пои дил зи зулфат дар анбарин салосил,
З-ин анбарин салосил мушкил халосии дил.
Орад ба ҳуш занҷир онро, ки гашт маҷнун,
Занҷири ту рабуда ҳуши ҳазор оқил.
Ҳаргиз нашуд хаёлат дурр аз муқобили ҷон
Моро хаёлат, оре, бо ҷон бувад муқобил.
Гулҳо ба васфи рӯят рангин расоил омад,
Карда сабо тако пӯ дар нашри он расоил.
Дил монду он занахдон гарчи баромадаш ҷон.
Ҳорутро чи имкон растан зи чоҳи Бобил.
Ҳовӣ зи оби чашмам гил шуд ҳама биёбон
Баҳри худо, ки тай кун зикри ҳабиби манзил.
Дар назму наср Ҷомӣ васфи ту гӯяду бас,
Лиллоҳи хайра нозим, лиллоҳи дурра қоил. Ҷ.7.с.234

84

Шароби лаъл бидеҳ соқиё, ки як-ду се дам,
Раҳам зи шуғли сияҳкории давоту қалам.
Ба дил, ки чун варақи нонавишта покиза аст,
Чаро кашам зи хаёл идурӯғу рост рақам.
Дилам зи ранги дурангӣ гирифта чанд кунам,
Саводи шаъри қарин бо баёзи шеър ба ҳам.
Ба васфи рӯи ғизолон ғазалсароӣ чанд
Ба фикри қофия пуште чу зулфи эшон хам.
Кудурати хат шеърам куҷо барад зи замир
Ба ҷуз сафои маю лаҳни зеру нағмаи бам,
Вале дареғ, ки тай шуд зи базмгоҳи умед
Зи дастбурди лаимон бисоти лутфу карам.

Сафоли дурди туро бас зи дасти дурдкашон
Ҳадиси ҷом макун Ҷомиву ҳикояти Ҷам. Ҷ.7.с.235

85

Дурр аз туам афтода бар бистари дарду ғам,
Як пой дар ин олам, як пой дар он олам.
Роҳи дилу динам зад он орази гандумгун,
Набвад ба ҷуз ин маънӣ мероси ман Одам.
Хай карда рухат борад аз қурси қамар парвин,
Хандон даҳанат дорад дар ғунчаи тар шабнам.
То мӯҳр кунад дилро аз ҳар чӣ на мехри ту
Ёқути лабат аз хат кардаст сияҳхотам.
Ту шоҳиди ҷонҳоӣ, ҳошо, ки хаёлатро
Ҷуз дидаи ҷон бошад дар пардаи дил маҳрам.
Бас ташнаҷигар мурда, дар бодияву ҷонаш
Дар саҳна ҳарам рақсон бар замзамаи Замзам.
Шуд қоидаи ёрӣ суст аз дили сахти ту,
Ҳар чанд зи санг омад бунёди бино маҳкам.
Дар мардумаш ояд хун аз нӯги мижа берун
Бе лаъли лабат, Ҷомӣ, аз дил чу барорад дам. Ҷ.7.с.236

86

Эй танат симу бару соиду бозу ҳама сим,
Чун зар аз муфлисӣ аз сими туам дил ба ду ним.
Дуздӣ аз манн тани худ чун гузарам паҳлӯят,
Манн чунин муфлису аз ман ту ҳамедуздӣ сим.
Ҳаст бесоиди симини туам бими ҳалок,
Даст дех, то ки бурун оям аз ин вартаи бим.
Бо саги кӯи туам ҳаст қадимӣ аҳде,
Ҳошаллилаҳ, ки фаромӯш кунам аҳди қадим.
Чашми наргис шавад аз хосияти он бино,
Бӯи пироҳани худ гар диҳӣ, эй гул, ба насим.
Ту ба шаҳри худу з-овозаи ҳуснат шудаанд,
Халқ овора зи ҳар шаҳру ба шаҳри ту муқим.
Ҷони Ҷомӣ ба лабат майли табиӣ дорад,
Ба шакарханда даро, то кунад онро таслим. Ҷ.7.с.237

87

Гоҳе, ки кашӣ теғ ниҳам гардани таслим,
Ҳар бе сару поро накушӣ, з-ин бувадам бим.
Бар аҳли дил омӯхтани ҳарфи ғаматро
Шуд синаи нохунзадаам тахтаи таълим.
Мустахриҷи аҳкоми шаҳидони фироқат
Аз хуни дилу дида кашад ҷадвали тақвим.
Ҳар ҷо, ки дарафтад сухани сидраву тӯбо
Зикри қади раънои ту авлост ба тақдим.
Ҷаннатталабон гар лаби ширини ту бинанд

Дар коми ҳама талх шавад кавсару тасним.
Зад килки мусаввир паи тасвири хати ту
Мушкин алифе чанд рақам бар варақи сим.
Ҷомӣ кунад аз тангдилӣ ёди даҳонат,
Ҳар ҷо, ки бар-ӯ танг шавад қофияи мим. Ҷ.7.с.238

88

Худоё, ба он сарви нозам расон,
Ба он дилбару дилнавозам расон.
Сарамро бувад манзил он остон,
Ба сарманзили хеш бозам расон.
Парешонам аз ҳаҷр ҳамрози хеш,
Ба ҷамъияти ободи розам расон.
Бувад рӯи ӯ қиблаи ҳар ниёз,
Ба он қиблаи ҳар ниёзам расон.
Саре дорам аз баҳри хидмат ба дӯш,
Ба пои яке сарфарозам расон.
Раҳи васли ҷонон дароз асту дур,
Ба он роҳи дуру дарозам расон.
Чу Ҷомӣ зи бечорагӣ сӯхтам,
Ба дидори он чорасозам расон. Ҷ.7.с.259

89

Нигоро, шабе ҳамнишин бош бо ман,
Чу бахти мусоид қарин бош бо ман.
Зи рифъат маҳи осмонӣ, замоне,
Нишаста ба рӯи замин бош бо ман.
Зи андӯҳи ҳичрон ҳазинест ҷонон,
Фараҳбахши ҷони ҳазин бош бо ман.
Туӣ, ҳар чӣ ҳастӣ, киям ман, чиям ман,
Ки гӯям чунон, ё чунин бош бо ман.
Русуми мусулмонӣ аз ту нахоҳам,
Зи кофарнажодон чунин бош бо ман.
Ниҳода ба фарқи ҳама дасти роҳат,
Гирифта ба каф теғи кин бош бо ман.
Ба бегонагон чин кушода зи абрӯ
Фиганда гирех бар ҷабин бош бо ман.
Хуш он шаб, ки кардӣ хитобам, ки Ҷомӣ
На дар банди дунёву дин бош бо ман.
Ба ҳар кор созам, ба ҳар ҳукм ронанд.
Яке бандаи камтарин бош бо ман. Ҷ.7.с.261

90

Биё, эй шӯҳра, дар ишқат ба шаҳри ҳусн машҳурон,
Ки ҳам манзури шоҳон бинамат ҳам шоҳи манзурон.
Хуморолудам аз чашмат, лаби холе зи хат бинмо
Ки бошад бодаи софӣ илоҷи ранҷи махмурон.

Чӣ истиғност ин, ё раб, ки не парвои наздикон,
Ҳамебинам туро, эй нозанин, не раҳм бар дурон.
Сулаймонвор меронӣ, чи ғам дорӣ агар ногаҳ,
Зи наъли бодпоят рахна афтад дар сафи мӯрон.
Табиби ранҷи ишқӣ, сӯи ҳар дасте мабар дастат,
Мабодо ранҷа гардад з-изтироби набзи ранҷурон.
Гузар бо сокинони савма бо ин лаби майгун,
Ки то афтад дар май он ба зӯҳду ту ба мағрурон.
Ба маҳҷури зи васлат гарчи умре канд ҷон Ҷомӣ,
Надида ҳаргиз аз ту раҳмате бар ҳоли маҳҷурон. Ҷ.7.с.262

91

Теғи мижгон ба хуни ишқбозон тез кун,
Ғамзаромдар қатли покон ханҷари хунрез кун.
Бо чунин шакли пурошӯб о бурун як бомдод,
Шаҳрро дармондаӣ ғавғои растохез кун.
Талхкомам аз турушрӯии ту баҳри худо,
З-он ду лаб як хандаи ширини шӯрангезмкун.
Зоҳидо, гар бор хоҳи дар сафи дурдикашон
Субҳа бифган в-аз сабӯи бода дастовез кун.
Хуфтаам чун чашми ту бемор, пурсиш кун маро,
Шарбати бемориям аз лафз шаҳдомез кун.
Менишонам з-остонат аз сиришки дида гард,
Хуни ноб аст ин на об, эй ҷон, аз ин парҳез кун.
Шуд Ҳарӣ, Ҷомӣ, зи зулми ғамзаи туркон хароб,
Рӯй дар маҳрусаи Шероз ё Табрез кун. Ҷ.7.с.263

92

Ҳаргиз надидам расми ҳабибон,
Ҳамчун ту кардан хӯ бо рақибон.
Ғавғои зоғон бубрида гулро
Пайванди сӯҳбат аз андалебон.
Ҳаргиз наёри ёди асирон,
Ҳаргиз напурсӣ ҳоли ғарибон.
Аз бас заифам гаштаст оҷиз
З-эҳсоси набзам дасти табибон.
Хуш он ки гардад дар қатли воиз,
Шамшери ғозӣ, теғи хатибон.
Доди касонро аз худ насибе
Раҳме накардӣ бар бенасибон.
Ҷомӣ, ки ишқат кардаш муаддаб,
Кай гӯш дорад панди адибон. Ҷ.7.с.264

93

Соғар маҳи нав бошад, холӣ шуда, мапсанд он,
Ногашта маҳи нав пур, нуре надиҳад пинҳон.
Нашкуфт дилам то ту бар ман надамидӣ дам,

Бе боди баҳор, оре, ғунча нашавад хандон.
Ишқи ту халосам кард аз банди хирадмандӣ,
Ёди ту фароғам дод аз панди хирадмандон.
З-он абрӯи пурчинам чандон туршӣ додӣ,
К-аз себи занахдонат шуд қанд маро дандон.
Рӯзе, ки шавад зиндон дур аз ту ҷаҳон бар ман,
Аз ёди рухат бар худ гулшан кунам он зиндон.
Дар тавфи дарат шабҳо дунболи сагат гардам,
З-он гуна, ки гардад саг дунболи худовандон.
Ҷомӣ зи бутон танҳо мегиряду месӯзад
Ҳамчун падари мушфиқ аз фурқати фарзандон. Ҷ.7.с.265

94

Эй дар даҳони тангат ҷуллоби шакар пинҳон,
Дар сунбули шабрангат барги гули тар пинҳон.
Сию ду бувад он лаб, ҳар гаҳ ба шумор орӣ,
Яъне ки бувад дар вай сиву ду гуҳар пинҳон.
Бо ҳар кӣ дучор афтӣ, коми ду ҷаҳон ёбад,
Шабҳо, ки ба гашт оӣ аз хона бадар пинҳон.
Гуфтӣ, ки бигӯ, пайдо сирре зи миёни ман
Нимест зи мӯй, он дар зери камар пинҳон.
Аз ҳаҷри туам бар дил сад доғ бувад пайдо
В-андар таҳи ҳар доғе сад доғи дигар пинҳон.
Ҳар фарш, ки андозам дар кулбаи ғам бе ту
Гардад зи нами дида дар хуни ҷигар пинҳон.
Нанҳад туро дар дил як зарраи меҳр эзид
Ҳарчанд кунад сунъаш дар санги шарар пинҳон.
Аз баски бувад рашкам бар гӯшу забон бе ту,
Номат набарам ҳаргиз бо хеш магар пинҳон.
Аз чашми ту дуздида хоҳад назаре Ҷомӣ
Кӯрии рақибонро сӯяш бингар пинҳон. Ҷ.7.с.266

95

Зулфат, ки рафт равнақи мушки сиёҳ аз ӯ,
Мушкин шавад нафас чу барорем оҳ аз ӯ.
Дорад дил аз иноятӣ ту чашми як нигоҳ,
Чандин мадор чашми иноят нигоҳ аз ӯ.
Ин меҳр нест моҳи рухат кард ҷилвае
Аксе гирифт оинаи субҳгоҳ аз ӯ.
Зиндони аҳли дил бувад ин кохии зарнигор,
Хуш вақти орифе, ки ба дар бурд роҳ аз ӯ.
З-ин сон, ки зулфи ту сари чоҳи зақан нуҳуфт,
Бас марди раҳнавард, ки афтад ба чоҳ аз ӯ.
Чун абри навбаҳор ба хокам чу бигзарӣ
Хезад фиғону оҳ ба ҷои гиёҳ аз ӯ.
Ҷомӣ, агар зи лутфи ту узри гуноҳ хост,

Лутфе намову даргузарон ин гуноҳ аз ӯ. Ҷ.7.с.277

96

Шунидаам, ки зи ман ёд мекунӣ гоҳе,
Хуш он гадо, ки гаҳе ёди ӯ кунад шоҳе.
Ба завқи чошнии ин латифа пай набарад,
Ҷуз аз ҳақиқати асори ишқ огоҳе.
Ба ҷаҳди худ басе эҳроми он ҳарам бастам,
Вале чӣ суд, ки нанмуд давлатам роҳе.
Надорад аз ту насибе ҷуз ин ки ҳар соат,
Кушоям аз мижа ашке, кашам зи дил оҳе.
На сарвро ба ту нисбат кунам, на гулбунро,
Куҷо расад ба қадат ҳар дарозу кӯтоҳе.
Ба он зақан, ба дил он кас, ки ҷо ҳамекунадат,
Ҳамекунад зи барои ҳалоки худ чоҳе.
Зи некӯвон дили Ҷомӣ ҳамин туро хоҳад,
Набинамат чу вай аз ошиқон накӯхоҳе. Ҷ.7.с.300

97

Доғи ҷафо, ки бар касон з-оташи кини худ ниҳӣ,
Кош ба ҷони ошиқи бедилу дини худ ниҳӣ.
Бод замин ба роҳи ту тораки бандагон, ки то,
Ҳар тарафат фитад гузар по ба замини худ ниҳӣ.
Эй бути омада зи Чин, лофзанон ба рӯи ӯ
Зуд равад, к-аз ин хато рӯй ба Чини худ ниҳӣ.
Бар сари ҳар раҳ нишастаам, ту ки чу маст бигзарӣ
Пой ба саҳв бар сари роҳнишини худ ниҳӣ.
Тоҷваро, куҷо расад комат аз он нигини лаб,
Гарна ба каффаи баҳо тоҷу нигини худ ниҳӣ.
Рашҳи май аз лабаш, дило, шаҳди шаҳодати ту бас
Беҳ, ки аз он захирае рӯзи пасини худ ниҳӣ.
Қадршиноси гавҳарат нест замона Ҷомиё,
Дар кафи сифла то ба кай дурри самини худ ниҳӣ. Ҷ.7.с.302

98

Маннам ба кунҷи хароботи ишқ шефтаҳоле,
Шароб ҷуръаи дурде, қадаҳ шикастасафоле.
На бар сарам зи каримони даҳр миннати лутфе,
На бар дилам зи лаимани шаҳр гарди малоле.
Ба фарқи ман наниҳода қазо амомаи ҷоҳе,
Ба номи ман нанавишта қадар вазифаи моле.
Ба некувон зи ҷаҳон кардаам қаноату з-эшон
Зи ҳозирон ба гуноҳе, зи ғоибон ба хаёле.
Агарчи моҳи фалак гоҳ бадру гоҳ ҳилол аст,
Ба рух ҳамеша чу бадрӣ, ба абрувон чу ҳилоле.
Лабат алайк нагуфта, чу гуфтаем саломе
Ҷавоб низ надода, чу кардем саволе.

Забон бубаст зи гуфтор пеши лаъли ту Ҷомӣ,
Ки нест беҳ зи хамӯши дар ин мақом мақоле. Ҷ.7.с.305

99

Нигоро, бар гирифторон бубахшой,
Худоро, бар гирифторон бубахшой.
Киро, ёро, кӣ гӯяд бо ту ёро,
Ки ёро, бар гирифторон бубахшо.
Ба роҳат пайсипар гашта чу мӯрам,
Соворо, бар гирифторон бубахшой.
Рухи худро ба хатту хол аз ин беш
Маёро, бар гирифторон бубахшой.
Паи оғӯши ёрон чун кушоӣ,
Қаборо, бар гирифторон бубахшой.
Чу гардад бар ҳарифон ҷоми васлат
Гуворо, бар гирифтонрон бубахшой.
Гирифтори хазон шуд бе ту, Ҷомӣ
Баҳоро, бар гирифторон бубахшой. Ҷ.7.с.306.

100

Ҳар рӯз, ки дар майдон чавгон задан оғозӣ,
Бас кас, ки кунад пешат чун гӯй сарандозӣ.
Дилҳо ба думи рахшат ҳаст аз раги ҷон баста
Оянд кашон аз пай ҳар сӯй, ки метозӣ.
Ушшоқ ба майдонат бозанд ба ҷид сарҳо
В-ин турфа, ки сарбозӣ пеши ту бувад бозӣ.
Аз нанг намесозӣ гӯй аз сари мо ҳаргиз
Бо тангдилон гӯй дорӣ сари носозӣ.
То хоки суми аспат шуд тоҷи сарам ҳастам,
Аз тоҷварон яксар бартар ба сарафрозӣ.
Ҷуз бар сари ман машкан чавгон, ки маро набвад,
Чун гӯй дар ин маънӣ бо кас сари он бозӣ.
Ҷомӣ сухани нодир кай фаҳм кунад ҳар кас
Он беҳ, ки бидӯзӣ лаб аз нодирапардозӣ. Ҷ.7.с.307